2910 - Дуо барои шахси безуриёт

савол

Ману ҳамсарам кӯшиш мекунем, ки фарзанддор шавем. Оё шумо метавонед сураеро аз Қуръон ба мо пешниҳод кунед, то онро дар намоз ва ё дар дуо бихонем, ки барои фарзанддор шуданамон кӯмак бикунад. Аллоҳ бароятон подоши некӯ бидиҳад.

Ҷавоби муфассал

Шумо метавонед дуои Закариё (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро бихонед, ки фармудааст:

رَبِّ لَا تَذَرْنِي فَرْدًا وَأَنتَ خَيْرُ الْوَارِثِينَ

«Эй Парвардигори ман, маро танҳо (бефарзанд) магузор. Ва Ту беҳтарини ворисонӣ».

Ин дуои бисёр зебо аст ва барои чунин ҳолат бисёр мувофиқ мебошад.

Ҳамчунин дуои дигари Закариё (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) низ муносиб аст, ки фармудааст:

رَبِّ هَبْ لِي مِن لَّدُنكَ ذُرِّيَّةً طَيِّبَةً إِنَّكَ سَمِيعُ الدُّعَاءِ

«Эй Парвардигори ман, аз ҷониби худ фарзанди покизае ба ман ато фармо, бегумон, Ту шунавандаи дуой».

Дар қиссаи Закариё (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дарсҳо ва пандҳову ибратҳои хеле мукаммалу арзишманд вуҷуд дорад. Аллоҳ таъоло онро дар чандин ҷойи китобаш бароямон баён кардааст. Аз ҷумла, дар сураи Оли Имрон дар бораи Марям (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

فَتَقَبَّلَهَا رَبُّهَا بِقَبُولٍ حَسَنٍ وَأَنْبَتَهَا نَبَاتًا حَسَنًا وَكَفَّلَهَا زَكَرِيَّا كُلَّمَا دَخَلَ عَلَيْهَا زَكَرِيَّا الْمِحْرَابَ وَجَدَ عِنْدَهَا رِزْقًا قَالَ يَامَرْيَمُ أَنَّى لَكِ هَذَا قَالَتْ هُوَ مِنْ عِنْدِ اللهِ إِنَّ اللهَ يَرْزُقُ مَنْ يَشَاءُ بِغَيْرِ حِسَابٍ ۝ هُنَالِكَ دَعَا زَكَرِيَّا رَبَّهُ قَالَ رَبِّ هَبْ لِي مِنْ لَدُنْكَ ذُرِّيَّةً طَيِّبَةً إِنَّكَ سَمِيعُ الدُّعَاءِ ۝ فَنَادَتْهُ الْمَلَائِكَةُ وَهُوَ قَائِمٌ يُصَلِّي فِي الْمِحْرَابِ أَنَّ اللهَ يُبَشِّرُكَ بِيَحْيَى مُصَدِّقًا بِكَلِمَةٍ مِنَ اللهِ وَسَيِّدًا وَحَصُورًا

وَنَبِيًّا مِنَ الصَّالِحِينَ ۝ قَالَ رَبِّ أَنَّى يَكُونُ لِي غُلامٌ وَقَدْ بَلَغَنِيَ الْكِبَرُ وَامْرَأَتِي عَاقِرٌ قَالَ كَذَلِكَ اللهُ يَفْعَلُ مَا يَشَاءُ ۝ قَالَ رَبِّ اجْعَلْ لِي ءَايَةً قَالَ ءَايَتُكَ أَلا تُكَلِّمَ النَّاسَ ثَلاثَةَ أَيَّامٍ إِلا رَمْزًا وَاذْكُرْ رَبَّكَ كَثِيرًا وَسَبِّحْ بِالْعَشِيِّ وَالإِبْكَارِ

سورة آل عمران: ٣٧–٤١

«Он гоҳ Парвардигораш ӯ (Марям)-ро ба тарзи некӯе пазируфт ва ӯро ба шеваи шоистае парвариш дод ва сарпарастиашро ба Закариё супурд. Ҳар гоҳ Закариё вориди ибодатгоҳи ӯ мешуд, назди ӯ ғизое меёфт, мегуфт: "Эй Марям, ин ғизо аз куҷо бароят омадааст?" (Марям) Мегуфт: "Он аз ҷониби Аллоҳ таъоло аст. Бегумон, Аллоҳ таъоло ба ҳар кас, ки бихоҳад, беҳисоб рӯзӣ медиҳад". Дар он ҷо Закариё Парвардигорашро нидо дод ва гуфт: "Эй Парвардигори ман, аз ҷониби худ фарзанди покизае ба ман ато фармо, бегумон, Ту шунавандаи дуоӣ". Пас, дар ҳоле ки дар ибодатгоҳ ба намоз истода буд, фариштагон ӯро нидо доданд, ки Аллоҳ туро ба Яҳё башорат медиҳад, ки тасдиққунандаи калимаи Аллоҳ (Исо) аст ва сарвару порсо ва паёмбарест аз шоистагон. (Закариё) Гуфт: "Эй Парвардигорам, чӣ гуна бароям фарзанде хоҳад буд, дар ҳоле ки ба пирӣ расидаам ва ҳамсарам нозо аст?" Фармуд: "Ҳаминтавр аст, ки Аллоҳ ҳар чӣ бихоҳад, анҷом медиҳад". (Закариё) Гуфт: "Эй Парвардигори ман, бароям нишонае қарор бидеҳ". Фармуд: "Нишонаи ту ин аст, ки се рӯз бо мардум сухан нагӯӣ, магар ба ишора ва Парвардигоратро бисёр ёд кун ва шомгоҳону субҳгоҳон тасбеҳ гӯӣ». (Сураи Оли Имрон: 37-41).

Дар оятҳои сураи Марям омадааст:

ذِكْرُ رَحْمَةِ رَبِّكَ عَبْدَهُ زَكَرِيَّا ۝ إِذْ نَادَى رَبَّهُ نِدَاءً خَفِيًّا ۝ قَالَ رَبِّ إِنِّي وَهَنَ الْعَظْمُ مِنِّي وَاشْتَعَلَ الرَّأْسُ شَيْبًا وَلَمْ أَكُنْ بِدُعَائِكَ رَبِّ شَقِيًّا ۝ وَإِنِّي خِفْتُ الْمَوَالِيَ مِنْ وَرَائِي وَكَانَتِ امْرَأَتِي عَاقِرًا فَهَبْ لِي مِنْ لَدُنْكَ وَلِيًّا ۝ يَرِثُنِي وَيَرِثُ مِنْ ءالِ يَعْقُوبَ وَاجْعَلْهُ رَبِّ رَضِيًّا ۝ يَازَكَرِيَّا إِنَّا نُبَشِّرُكَ بِغُلامٍ اسْمُهُ يَحْيَى لَمْ نَجْعَلْ لَهُ مِنْ قَبْلُ سَمِيًّا ۝ قَالَ رَبِّ أَنَّى يَكُونُ لِي غُلامٌ وَكَانَتِ امْرَأَتِي عَاقِرًا وَقَدْ بَلَغْتُ مِنَ الْكِبَرِ عِتِيًّا ۝ قَالَ كَذَلِكَ قَالَ رَبُّكَ هُوَ عَلَيَّ هَيِّنٌ وَقَدْ خَلَقْتُكَ مِنْ قَبْلُ وَلَمْ تَكُ شَيْئًا ۝ قَالَ رَبِّ اجْعَلْ لِي ءايَةً قَالَ ءَايَتُكَ أَلا تُكَلِّمَ النَّاسَ ثَلاثَ لَيَالٍ سَوِيًّا ۝ فَخَرَجَ عَلَى قَوْمِهِ مِنَ الْمِحْرَابِ فَأَوْحَى إِلَيْهِمْ أَنْ سَبِّحُوا بُكْرَةً وَعَشِيًّا

سورة مريم: ٢–١١

«Ин ёдест аз раҳмати Парвардигорат ба бандааш Закариё. Он гоҳ, ки Парвардигорашро пинҳонӣ нидо дод. Гуфт: "Эй Парвардигорам, устухонам суст

шуда ва сарам аз пирӣ сафед гаштааст ва эй Парвардигорам, ҳаргиз дар дуоят бебаҳра набудаам. Ва ман пас аз (марги) худ аз хешовандонам бимнокам ва ҳамсарам нозо аст. Пас аз ҷониби Худ ҷонишине (фарзанде) ба ман бубахш, ки меросбари ман ва меросбари хонадони Яъқуб бошад ва ӯро, эй Парвардигорам, писандида бигардон". (Аллоҳ таъоло дуои Закариёро иҷобат карду фармуд:) "Эй Закариё, Мо туро ба писаре мужда медиҳем, ки номи ӯ Яҳё аст ва пеш аз ин касеро ҳамноми ӯ накардаем". (Закариё) Гуфт: "Эй Парвардигорам, чӣ гуна бароям фарзанде хоҳад буд, дар ҳоле ки ҳамсарам нозо аст ва ман низ аз пирӣ ба нотавонӣ (ва фартутӣ) расидаам?" Фармуд: Ҳамин гуна аст. Парвардигорат фармудааст: "Ин (кор) барои Ман осон аст ва ба ростӣ, пеш аз ин туро дар ҳоле офаридам, ки ҳеҷ чизе набудӣ". (Закариё) Гуфт: "Эй Парвардигорам, бароям нишонае қарор бидеҳ". Фармуд: "Нишонаи ту ин аст, ки се шабонарӯз наметавонӣ бо мардум сухан бигӯӣ, бо вуҷуди ин ки солиму тандурустӣ". Пас, ӯ аз меҳроб (ибодатгоҳ) ба сӯйи қавми худ берун омад ва ба онон ишора кард, ки субҳу шом тасбеҳ гӯед». (Сураи Марям: 2-11).

Дар оятҳои сураи Анбиё омадааст:

وَزَكَرِيَّا إِذْ نَادَى رَبَّهُ رَبِّ لا تَذَرْنِي فَرْدًا وَأَنْتَ خَيْرُ الْوَارِثِينَ۝ فَاسْتَجَبْنَا لَهُ وَوَهَبْنَا لَهُ يَحْيَى وَأَصْلَحْنَا لَهُ زَوْجَهُ إِنَّهُمْ كَانُوا يُسَارِعُونَ فِي الْخَيْرَاتِ وَيَدْعُونَنَا رَغَبًا وَرَهَبًا وَكَانُوا لَنَا خَاشِعِينَ

سورة الأنبياء: ٨٩–٩٠

«Ва Закариёро (ба ёд овар), чун Парвардигорашро нидо дод: "Эй Парвардигори ман, маро танҳо (бефарзанд) магузор. Ва Ту беҳтарини ворисонӣ". Дуояшро мустаҷоб кардем ва Яҳёро ба ӯ бахшидем ва ҳамсарашро барои ӯ шоиста гардонидем. Онҳо дар корҳои нек шитоб мекарданд ва Моро бо умеду бим мехонданд ва барои Мо фурӯтан буданд». (Сураи Анбиё: 89-90).

Тааммул намудани қиссаи Закариё (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) барои ҳар як шахси безуриёт хеле судманд аст. Ҳамчунин қиссаи Иброҳим (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ва ҳамсараш Сора бисёр судманд аст, ки Аллоҳ таъоло ба хотири сабрашон Исҳоқ (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро

ба онон ато кард. Ба ӯ дар пиронсолагиаш боз як фарзанди дигар, Исмоил дода шуд. Чуноне ки Аллоҳ таъоло оиди халилаш мефармояд:

الْحَمْدُ لِلهِ الَّذِي وَهَبَ لِي عَلَى الْكِبَرِ إِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ إِنَّ رَبِّي لَسَمِيعُ الدُّعَاءِ

سورة إبراهيم: ٣٩

«Ситоиш аз они Аллоҳ аст, ки дар пиронсолӣ Исмоилу Исҳоқро ба ман ато кард. Бетардид, Парвардигори ман шунавандаи дуост». (Сураи Иброҳим: 39).

Мусалмон дар ҳама ҳолат бояд аз тақдири Аллоҳ розӣ бошад, ҳатто агар то охири умр безуриёт ҳам бимонад (ва соҳиби фарзанд ҳам нашавад). Шояд сабру таҳаммул барояш аз фарзанд беҳтар бошад. Тамоми қазову қадари Аллоҳ хайр аст ва ҳамаи қазову қадар ҳикмату сабабе дорад ва ҳама чиз ба ирода ва амри Ӯ вобаста аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

لِلهِ مُلْكُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضِ يَخْلُقُ مَا يَشَاءُ يَهَبُ لِمَنْ يَشَاءُ إِنَاثًا وَيَهَبُ لِمَنْ يَشَاءُ الذُّكُورَ ۝ أَوْ يُزَوِّجُهُمْ ذُكْرَانًا وَإِنَاثًا وَيَجْعَلُ مَنْ يَشَاءُ عَقِيمًا إِنَّهُ عَلِيمٌ قَدِيرٌ

سورة الشورى: ٤٩–٥٠

«Фармонравоии осмонҳову замин аз они Аллоҳ таъоло аст. Ҳар чӣ бихоҳад, меофаринад. Ба ҳар кас ки бихоҳад, духтар мебахшад ва ба ҳар кас ки бихоҳад, писар мебахшад. Ва ё ҳам писар ва ҳам духтар ба онҳо медиҳад. Ва ҳар касро ки бихоҳад, ақим (безуриёт, нозо) мегардонад, албатта, Ӯ донои тавоност». (Сураи Шуро: 49-50).

Дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад бод.